## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ пешниҳод шудааст.

Фалак яке аз навъҳои мақомоти тоҷик, ки дар мусиқии мардуми кӯҳистони тоҷик ҳамчун маҳсули тафаккури мусиқии касбӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд, дар илми мусиқишиносӣ танҳо дар давраи Истиқлолияти Тоҷикистон оғози таҳқиқи илмии худро ёфт.

Аҳаммият ва мубрамии мавзуи кори диссертатсионии Каримзода Саъдулло Салим дар қатори ин икдомҳои нахустин паҳлуи нави пажуҳиши Фалакро зоҳир менамояд. Дар он равишҳои маҷмуии таҳлил ва баррасӣ корбарӣ мешаванд, ки дар мусиқишиносии тоҷик ҳанӯз ангуштшуморанд. Маҳз чунин дастгоҳи таҳқиқиву таҳлилӣ иқтидор дорад, ки пойгоҳи наверо ба вуҷуд оварад, ки он мантиқи Фалакро дақиқу амиқ айён бигардонад.

Чунин муносибат ба таҳқиқот фарогири истифодаи гунаҳои кории ҷамъоварӣ, банотагирӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ, омӯзиши консепсияҳои назарии мусиқишиносӣ ва таҷрибаи ғановатманди амалии устодони барҷаста, ниҳоят таълифи асарҳои нав ба нав дар ҷодаи Фалак аз рӯйи қавоиди мақомот мебошад. Табиист, ки чунин амали таҳқиқиро дар ин раванд он муҳаққиқе бар уҳда гирифта метавонад, ки малакаи услубҳои зикршударо дошта бошад. Дар муддати таълифи 20-солаи диссертатсияи мазкур довталаб С.С.Каримзода ин малакаҳоро аз худ кард. Ӯ, иштирокчии се экспедитсияи мусиқавӣ-этнографӣ, бо ҷустуҷуҳои эҷодӣ-таҳқиқии хеш ба айён кардани намунаҳои нави Фалак – Фалаки Сафарӣ ва Фалаки Дарӣ, истилоҳи дигари системаи чормуқом – «чорпарда» мусоидат намуд. Фаъолияти пайвастаи омӯзгорӣ дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар муддати беш аз 20 сол, ба ҳайси маъруза ҳамасола овардани хусусиятҳои асили Фалак, ба ҳайси таҷрибаи эҷодӣ пешниҳод намудани асарҳои Фалак ва ниҳоят, дар асоси қавоиди бисёрасраи Фалак эҷод ва

пешниҳод намудани асарҳои нави яккисма ва силсилавӣ – ҳама далолат аз он аст, ки Саъдулло Каримзода бо мурури замон ба фаҳмиши саҳеҳу маҳорати иҷрокунандагиву бастакорӣ доро гардида, мантиқи Фалакро хеле хуб аз худ кардааст. Ва бо ин дорой барои аҳли илми мусиқӣ таҳқиқоти диссертатсиониро пешкаш менамояд. Дар он муаллиф ба сутунҳои асосии илми мусиқишиносӣ марбут ба мусиқии академӣ (хусусан, назарияи жанр) ва мақомшиносии тоҷик, ки аз асри XX ин ҷониб дар омехтагӣ бо илми мусиқии ҷаҳонӣ рушд ёфта истодааст, такя мекунад. Ба ҳайси асоси раҳнамунӣ истифодаи дарёфтҳои бебаҳои Мактаби ҳунарии Бухоро, ки аз охири асри XVI ба ҳайси мактаби асосии як қатор ҳунарҳои миллати тоҷик дар илм арзёбӣ шудааст, хусусан бо такя ба рукнҳои назарияи мақоми Мавлоно Наҷмиддин Кавкабӣ ва фарогирии саҳми пурқиммати яке аз намояндагони насли охирини ин мактаб, танбӯрии нодир ва донандаи бузурги Шашмақом, мусиқишиноси нахустини Тоҷикистони шӯравӣ устод Фазлиддин Шаҳобов дар консепсияи мантиқи асари мақомӣ ва коркардҳои назариявии заминавии мусиқишиносӣ дар давраи Истиқлолияти Тоҷикистон доир ба Фалак ва Шашмақом, пайваста дар таҳқиқоти диссертатсионӣ амалӣ гардидаанд. Ва интихоби чунин дастгоҳи фаҳмишӣ дар амалӣ намудани корҳои пажуҳишӣ, эҷодӣ-иҷрокунандагӣ ва эҷодӣ-бастакорӣ ба пайвастагии бетаваққуфи илми мақомоти тоҷик ва нигаҳодошти аслияти ҳунари волои аҷдодон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидат менамояд. Муҳим аст, ки диссертант ҳамаи дараҷаҳои омӯзишии ҳунари фалакхонӣ ва илми фалакшиносиро аз бар намудааст. Ӯ дорои дипломи «Устоди Фалак» аст.

Умед аст, ки иҷрои ин кори диссертатсионӣ яке аз зинаҳои фатҳӣ дар роҳи рушди фаҳмишу талқини эҷодии муаллифи он мегардад ва бахри нигаҳдошти аслияти Фалак дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон диссертант корҳои зиёди пурарзиши дигарро дар солҳои баъдӣ иҷро мекунад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 28 таълифоти илмӣ, аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 мақола дар

маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ, 1 китоби дарсӣ-амалӣ, 1 монография (дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ), 2 барномаи таълимӣ (яке дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ), 2 дастури таълимӣ (яке дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ ва дигарон) нашр намудааст. Ин таълифот нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари таҳлилӣ дар маърузаҳову пешниҳодҳои ҳунарӣ дар форумҳову барномаҳои хосса таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салимро дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ ҳисобида, ҳамчун роҳбари илмӣ, онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор** **Азизӣ Ф.А.**

4-уми ноябри соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 13, 22.
Телефон: (+992) 93 792 65 25
e-mail: farog48aziz@mail.ru

**Имзои Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзодаро**
**тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳои**
**Консерваторияи миллии Тоҷикистон**
**ба номи Т. Сатторов** **Тошов М.А.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 155.
Телефон: (+992-37) 2270710; факс: 227-07-20.
e-mail: toshovm96@gmail.com

«5» ноябри соли 2024